аз 21.01.2022, №57

«Оид ба назорати камералӣ»

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, риояи тартиб ва муҳлати гузаронидани назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботи) андозсупорандагон, беасос халалдор насохтани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, мусоидат намудан ба андозсупорандагон ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андозҳо ва пардохтҳо ҷойдошта, мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 42 ва 165 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби гузаронидани назорати камералӣ бо замимаҳояш ба фармоиши мазкур тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 – 6).

2. Сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, Раёсати андози андозсупорандагони калон, нозироти андози андозсупорандагони калон дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ уҳдадоранд:

- тартиби гузаронидани назорати камералӣ ва барасмиятдарории натиҷаҳои назорати камералиро бо риояи талаботи Фармоиши мазкур таъмин намоянд;

- бо мақсади пешгирии эҳтимолияти қабули огоҳиномаҳои беасос аз натиҷаи назорати камералӣ ва пешгирӣ намудан аз бамиён омадани ҳолатҳои баҳснок бо андозсупорандагон, барои ворид намудани Огоҳинома, маълумотнома аз натиҷаи назорати камералӣ ба барномаи компютерии СМИИА «Назорати камералӣ», дар Кумитаи андоз ба зиммаи сардори шуъбаи назорати камералӣ, дар Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе,

ВМКБ сардорони шӯъбаҳои санҷиши андозҳо ва сардорони шуъбаҳои (бахшҳои) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дар Раёсати андози андозсупорандагони калон ба сардорони шуъбаҳои санҷиши андоз ва шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, нозироти андозсупорандагони калон дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ба сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дар нозироти андози шаҳру ноҳияҳо – сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор карда мешавад.

3. Дохил кардани маълумотномаи назорати камералӣ ба барномаи компютерии СМИИА "Назорати камералӣ" танҳо баъд аз гузоштани дастхати сардорони раёсатҳои андоз (нозиротҳои андоз) дар қисмати болоии маълумотномаи назорати камералӣ, амалӣ карда мешавад.

4. Сарраёсатҳо, раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки Огоҳиномаи назорати камералиро танҳо тавассути барномаи СМИИА "Назорати камералӣ" чоп намуда, ба андозсупорандагон дастрас намоянд. Нусхаи маълумотномаи назорати камералиро, ки бо дастхат ва имзои сардорони раёсатҳо (нозиротҳо), мутобиқ ба Фармоиши мазкур мебошад, сари вакт ба барнома ворид намоянд.

5. Дар рафти анҷом додани корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷишҳои амалиётӣ гузаронидани назорати камералӣ манъ аст.

Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз ҷониби гуруҳҳои кории раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, ВМКБ муайян намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ки зарурати гузаронидани назорати камералиро ба миён меоранд, тибқи шакли муқаррарнамудаи фармоиши мазкур (Замима №6), бо пешниҳоди санад ва ё гузориши роҳбарони гуруҳҳои корӣ бо иҷозати (дастхати) сардорони раёсатҳои андози мақомоти ҳудудии андози номбаршуда, назорати камералӣ гузаронида мешавад.

Тибқи санад ва ё гузоришҳои гуруҳҳои кории ба санҷишҳои амалиётӣ сафарбар намудаи Кумитаи андоз ва нозиротҳои андози ш.Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин нисбати андозсупорандагони дар қайди РААК буда, назорати камералӣ пас аз иҷозати (дастхати) Раиси Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

6. Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ риоя накардани талаботи яке аз бандҳои Фармоиши мазкур ва Тартиби муқарраргадида, асос барои беэътибор донистани натиҷаи назорати камералӣ мегардад ва нисбати сардорони воҳидҳои мақомоти андоз ва кормандони масъули мақомот, ки ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд, тибқи тартиби муқарраргардида чораҳои интизомӣ андешида мешавад.

7.Дар мақомоти андоз нисбат ба ҳар як маълумотномаи назорати камералӣ дар барномаи СМИИА «Назорати камералӣ» парвандаи алоҳида тартиб дода мешавад, ки дар он ҳамаи маводҳои (ҳуҷҷатҳои) алоқаманд ба назорати камералии гузаронидашуда ва натиҷаи чораҳои андешидашуда дар шакли электронӣ (бо роҳи нусхагирӣ) нигоҳ дошта мешаванд.

8. Сарраёсатҳои назорати андоз дар якҷояги:

- бо Сарраёсати маъмурикунонии андоз ва КВД "Маркази барномасозӣ маъмурикунонии андоз" то санаи 01.02.2022 Барномаи СМИИА "Назорати камералӣ» -ро ба Фармоиши мазкур мутобиқ намуда, барои пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз ва беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ҷиҳати мунтазам такмил додани барномаи СМИИА "Назорати камералӣ" чораҷӯӣ намоянд.

9.Сарраёсатҳои назорати андоз, маъмурикунонии андоз, раёсатҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати татбиқи амалии Фармоиши мазкур барои бо мақомоти ҳудудии андоз ва шаҳрвандон - андозсупорандагон гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ чораҷӯӣ намоянд.

10. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро барои корбарӣ ба сарраёсатҳо ва раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

11.Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон Фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намуда, дар Ҳафтавори «Боҷу хироҷ» ба табъ расонад.

12.Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовинони сарпараст, сарраёсатҳои назорати андоз ва маъмурикунонии андоз, сардорони РААК, Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вогузор карда шавад.

13.Фармоиши Кумитаи андоз аз 02.02.2021, №66 «Оид ба назорати камералӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раис                                        Н. Давлатзода

Замимаи №1
ба Фармоиши Раиси
Кумитаи андози
назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» ___ соли 2022, №___

# Тартиби
# гузаронидани назорати камералӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1.Тартиби мазкур бо назардошти талаботи моддаҳои 40, 41, 42, 87, 103 ва 165 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида тартиб, талабот ва усулҳои гузаронидани назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботи) андозро дар фаъолияти андозсупорандагон муайян менамоянд.

2.Назорати камералӣ дар асоси талаботи моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти андоз, бе қарори махсуси (амрномаи) роҳбари мақомоти андоз бо роҳи муқоисаи нишондодҳои ҳисоботи (эъломияҳои) андоз ва пардохтҳои ҳатмии аз ҷониби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳод гардида (пешниҳодшаванда) нисбат ба маълумотҳои дар ихтиёри мақомоти андоз ҷойдошта, аз ҷумла маълумоти тибки тартиби муқарраргардида аз дигар мақомот дастрасшуда оид ба объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд гузаронида мешавад. Чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад.

3.Назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо буда, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз ва (ё) пардохтҳо гузаронида мешавад. Назорати камералӣ ба андозсупорандагон имконият медиҳад, ки то давраи санҷиши сайёри андоз номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ва пардохтҳо ҷойдоштаро бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботи) иловагии андоз, мустақилона ислоҳ намоянд. Дар ҷараёни гузаронидани назорати камералӣ (то ирсоли огоҳинома) талаб намудани маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои иловагӣ аз андозсупорандае, ки фаъолияташ таҳти назорати камералӣ қарор дода шуда истодааст, манъ аст.

4. Назорати камералӣ метавонад дар шакли автоматӣ бо истифода аз барномаҳои электронӣ бо риояи муқаррароти Кодекси андоз ва бо риояи тартиби муқаррар гардида анҷом дода шавад.

5. Назорати камералӣ танҳо аз ҷониби корманди мақомоти андоз дар биноҳои маъмурии мақомоти андоз гузаронида мешавад. Гузаронидани назорати камералӣ берун аз бинои маъмурии мақомоти андоз манъ аст.

Зимни гузаронидани назорати камералӣ, даъвати андозсупоранда (ё шахсони масъули андозсупоранда), ба истисноии ихтиёран ба мақомоти

андоз ҳозир шудани андозсупоранда манъ аст.

6. Гузаронидани назорати камералии ҳисобот ва эъломияҳои андоз аз ҷониби дигар мақомотҳо манъ аст ва дар сурати ошкор шудани чунин ҳолатҳо, натиҷаи чунин назорати камералӣ тибқи тартиби муқарраргардида беэътибор карда мешавад.

7. Назорати камералӣ барои давраи муайяни андоз баъди гузашти мӯҳлати пешниҳоди эъломияи (ҳисоботи) андоз, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, гузаронида мешавад.

8. Назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол тибқи тартиби муқарраргардида дар давоми 30 рӯз аз рӯзи додани ариза гузаронида мешавад.

## II. Тартиб ва талаботҳо оид ба гузаронидани назорати камералӣ

9.Назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагон бо назардошти талаботи моддаҳои 41, 42 ва 123 Кодекси андоз, дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ва бо риояи ҳатмии Тартиби мазкур гузаронида мешавад.

Ҳамагуна маблағҳои аз ҷониби мақомоти андоз дар рафти корҳои назоратӣ илова ҳисобшавандаи андозҳо, тибқи муқаррароти сархати якуми қисми 2 моддаи 87 Кодекси андоз, бо риояи талаботи Тартиби мазкур, танҳо пас аз пешниҳоди Огоҳинома ба андозсупоранда баррасӣ карда мешавад.

10. Назорати камералӣ бо чунин тартиб гузаронида мешавад:

10.1.Дар ҷараёни назорати камералии эъломияҳо ва ҳисоботи андозсупорандагон, инчунин муқоисаи онҳо бо маълумоти дар мақомоти андоз ҷой дошта, ҳангоми муайян гардидани номутобиқатиҳо дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз, ба андозсупоранда барои мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои ҷойдошта **Огоҳинома** (тибқи шакли Замимаи №2) **бо замима намудани Маълумотнома** (тибқи шакли Замимаи №3) ирсол карда мешавад.

10.2.Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ, аз ҷумла, масъалаҳои зерин дида баромада мешаванд:

-ҳолати баҳисобгирии (қайди андозӣ) объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд;

-ҳолати пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботи) андоз;

-дурустии пур кардани реквизитҳои эъломияи (ҳисоботи) андоз;

-риояи тартиби пур кардани сатр ва сутунҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз, пурра ва мукаммал нишон додани маълумот дар эъломияҳо;

-дурустӣ ва мукаммалии ҳисоби андозҳо, ки андозсупоранда дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷ намудааст;

-мутобиқатии нишондиҳандаҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷ гардида, нисбат ба замимаҳои эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо ё маълумотҳои дар мақомоти андоз нисбати андозсупоранда ҷойдошта;

-назорати мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андози бо ҳам алоқаманд;

-қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз;

-бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;

- асоснокии истифодаи меъёрҳои андоз;

-алоқамандии нишондиҳандаҳои тавозуни муҳосибии ба мақомоти андоз пешниҳодгардида бо эъломияҳои андоз;

-муқоисаи нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз бо нишондиҳандаҳои давраҳои ҳисоботии гузашта ва нишондиҳандаҳои андозсупорандагони шабеҳи фаъолият;

-мутобиқатии даромади умумии дар эъломияҳои андоз даромад (андоз аз фоида), андоз аз арзиши иловашуда, андози низоми содакардашуда дарҷшуда нисбат ба маълумотҳои дар анбори электронӣ дар маҳзани барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи идоракунии иттилоотии андоз (СМИИА) ҷой дошта, вобаста ба таҳвили молҳо;

-асоснокии маълумот оид ба таҳвили молҳои дар ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда дарҷ гардида ва муқоисаи онҳо бо маълумоти барномаи анбори электронӣ;

-ба ҳисоб нагирифтани амалиёт аз рӯи ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, ва маблағи андози он, бинобар сабаби бо андозсупорандаи бемасъулият анҷом додани амалиётҳо;

-асоснокии баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда дар доираи амалиётҳои андозбандишаванда, аз ҷумла баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба воридоти молҳо;

-мутобиқатии маълумотҳои оморӣ ва омори гумрукӣ, андозсупорандагони ҳамшабеҳи фаъолият, аз ҷумла вобаста ба нархҳои бозорӣ нисбат ба маълумоти дар эъломияҳои андоз дарҷшуда, дар давраҳои муайяни андоз;

-тибқи талаботи Кодекси андоз баҳодиҳии моҳияти иқтисодӣ доштан ва ё надоштани амалиёти анҷомдодашуда бо мақсадҳои андозбандӣ;

-баррасии асоснокии истифодаи имтиёзҳои (тарҳҳои) андозӣ, эътимоднокии таркиби хароҷотҳо ва дигар тахрҳои андозӣ;

-баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибӣ бо эъломияҳои андоз аз нуқтаи назари мутобиқати маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда ва маълумот оид ба фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории андозсупоранда, ки аз дигар манбаҳо дастрас шудааст;

-дигар ҳолатҳои (маълумоти) барои иҷрои пурра ва саривақтии уҳдадориҳои ба андоз алоқаманд.

10.3.Назорати камералӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз, метавонад нисбати дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ (ё объектҳои андозбандӣ) алоқаманди андозсупоранда гузаронида шавад, ки пешниҳоди он тибқи талаботи қонунгузорӣ барои андозсупоранда ҳатмӣ мебошад.

Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ҳолатҳои қайдгардида бо риояи пайдарҳамӣ аз ҷониби корманди мақомоти андоз баррасӣ карда мешавад.

11. Огоҳинома ва Маълумотнома аз натиҷаи назорати камералӣ дар шакли хаттӣ ё электронӣ тавассути ҳуҷраи андозсупоранда, инчунин дар сурати ҷой доштани зарурият тавассути почта ба суроғаи ҳуқуқии (ё ҷои

истиқомати) андозсупоранда ирсол карда мешаванд. Дар маълумотномаи назорати камералӣ гирифтани дастхати андозсупоранда ҳатмӣ намебошад.

Огоҳинома ва Маълумотнома аз натиҷаи назорати камералӣ метавонад ба намояндаи тибқи тартиби муқарраршуда ваколатдорнамудаи андозсупоранда, пешниҳод (ирсол) карда шавад.

Худорӣ ва ё ин, ки даст кашидани андозсупоранда (ё намояндаи ваколатдори ӯ) аз гузоштани имзо, маънои қабул нагардидани маводҳои назорати камералиро надошта, новобаста аз он бо риояи тартиби муқарраргардида маводҳои назорати камералӣ аз ҷониби мақомоти андоз баррасӣ карда мешавад.

12. Андозсупоранда уҳдадор аст, ки дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз санаи ирсоли огоҳинома ба мақомоти андоз мустақилона эъломияи иловагии андозро пешниҳод намуда, номутобиқатиҳои ҷойдоштаро мустақилона бартараф намояд, ё ин ки тавзеҳоти хаттӣ бо дарҷи асоснокӣ, бо истинод ба бандҳо, қисмҳо ва моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи андозро пешниҳод намояд.

13. Дар ҳолатҳои мавҷуд будани сабабҳои узрнок - ба монанди бемории бистарии шахси масъул ё фарзандони ӯ, хешони наздики ӯ, сафари хизматӣ (берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон) қарор доштани шахси масъул ва ҳолатҳои дигари шабеҳ, муҳлати иҷрои огоҳинома метавонад, дар асоси муроҷиати асосноки андозсупоранда ва гузориши роҳбари мақомоти андоз то 20 рӯзи тақвимӣ тамдид карда мешавад.

14. Агар аз ҷониби андозсупоранда пас аз гирифтани (тавассути ҳуҷраи электронӣ ирсоли) Огоҳинома ва Маълумотнома аз натиҷаи назорати камелӣ дар давоми то 10 рузи тақвимӣ ба эъломияҳои андоз тағйироти дахлдор ворид карда нашавад ва (ё) тавзеҳоти асоснок пешниҳод нагардад, мақомоти андоз ба андозсупоранда **Огоҳиномаи такрорӣ** (тибқи шакли Замимаи №4) барои дар муҳлати то 5 рӯзи корӣ ислоҳ намудани номутобиқатиҳои ҷойдошта ирсол менамояд.

15.Корманди мақомоти андоз, ки назорати камералиро мегузаронад, уҳдадор аст, ки тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандаро таҳлил ва баррасӣ намуда, дар сурати асоснок ва мутобиқ ба муқаррароти Кодекси андоз будани тавзеҳот, бо риояи талаботи ҳамин Тартиб онро ба инобат гирад.

16.Аз натиҷаи баррасии тавзеҳоти пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва гузаштани 5 рузи корӣ аз санаи пешниҳоди (ирсоли) огоҳиномаи дуюм, чунин хулосагузорӣ карда мешавад:

- тавзеҳоти хаттии андозсупоранда тибқи талаботи қонунгузории андоз баррасӣ гардида, дар сурати асоснок будан (қисман асоснок будан), пурра (қисман) ба инобат гирифта мешавад;
- тавзеҳоти андозсупоранда бинобар сабаби асоснок набудан ба инобат гирифта намешавад;
- дар сурати норозӣ будани андозсупоранда аз натиҷаи назорати камералӣ, санҷиши сайёри андоз вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ таъин карда мешавад.

17.Натиҷаи баррасии тавзеҳоти андозсупоранда бо қабули Хулосаи мувофиқашуда, тибқи шакли Замимаи №5 ба Фармоиши мазкур

барасмият даровардашуда, ба инобат гирифтан, қисман ба инобат гирифан ва ё ба инобат нагирифтани тавзеҳот бо моддаҳои дахлдори Кодекси андоз асоснок карда мешавад, аз ҷумла:

-агар маблағи аз натиҷаи назорати камералӣ эҳтимолан ҳисобшудаи андозҳо зиёда аз  200,0 ҳазор сомониро ташкил намояд, асоснокии тавзеҳоти андозсупоранда бо пешниҳоди Хулосаи сардорони сарраёсатҳои (раёсатҳои) дахлдори Дастгоҳи марказӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст, тибқи тартиби муқарраргардида ба Раиси Кумитаи андоз пешниҳод карда мешавад;

-танҳо пас аз тартиб додани Хулоса ва мувофиқа гардидани он, қайдҳои дахлдор оид ба натиҷаи баррасии тавзеҳоти андозсупоранда ба барномаи СМИИА “Назорати камералӣ” ворид карда мешавад;

-аз натиҷаи баррасии тавзеҳот, андозсупоранда дар муҳлати то 5 –рузи корӣ бо ирсоли мактуби ҷавобӣ огоҳ карда мешавад.

18. Ҳангоми дар муддати 5 рӯзи корӣ пас аз ирсоли огоҳиномаи дуюм, андозсупоранда уҳдадории андозии худро иҷро накунад, чунин андозсупоранда тибқи талаботи моддаҳои 41, 47, 82 ва 83 Кодекси андоз ба меъёри хавфҳо, ки аз рӯи он санҷиши сайёри андоз таъин карда мешавад, дохил карда шуда, вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ санҷиши сайёри андоз, тибқи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

19. Ворид накардани Огоҳинома ва Маълумотномаи назорати камералӣ ва дигар маводҳои алоқаманд ба назорати камералӣ, ки ворид намуданашон ба барномаи СМИИА «Назорати камералӣ» ҳатмист, асос барои бекор намудани натиҷаҳои назорати камералӣ гардида, нисбати корманди (кормандони) масъули мақомоти андоз, ки Тартиби муқарраргардидаро риоя накардааст (накардаанд), чораҳои қатъии интизомӣ андешида мешавад.

20. Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ вобаста ба маводи назорати камералӣ андозсупоранда метавонад машваратчӣ ё шахси дигарро ҳамчун намоянда дар асоси ваколатнома бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, дар баррасии маводҳои назорати камералӣ ҷалб намояд.

21. Агар ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ муайян карда шавад, ки андозсупоранда ба хатогӣ роҳ додааст, нисбат ба ӯ қарор оид ба татбиқи  муҷозот, аз ҷумла фоиз ва ҷаримаҳо қабул карда нашуда, натиҷаи назорат дар варақаи ҳисоббаробаркунии андозсупоранда инъикос карда намешавад.

22. Огоҳиномаҳо аз натиҷаҳои назорати камералӣ, ки асоснокии онҳо дар рафти гузаронидани санҷишҳои сайёри андоз вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ баррасӣ карда мешаванд, дар доираи барномаи модули СМИИА «Санҷишҳои андоз», бо риояи талаботи зерин амалӣ карда мешавад:

- то 200,0 ҳазор сомонӣ аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо;

- аз 200,0 ҳазор сомонӣ то 500,0 ҳазор сомонӣ аз ҷониби раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ;

- зиёда аз 500,0 ҳазор сомонӣ аз ҷониби Кумитаи андоз.

23. Сарраёсати назорати андоз, тибқи ҳисоботи шакли 5-А ҳар моҳ то санаи 10 –уми моҳи минбаъда оид ба натиҷаи санҷишҳои сайёр вобаста ба мавзуҳои назорати камералӣ гузаронида шуда, ҳисобот пешниҳод менамояд.

## III. Маҳдудияти назорати камералӣ

24.Ҷиҳати пешгирӣ намудани эҳтимолияти қабули огоҳиномаҳои беасос аз натиҷаи назорати камералӣ, пешгирии такрорёбии назорати камералӣ ва канорагирӣ намудан аз ба миён омадани ҳолатҳои баҳснок бо андозсупорандагон ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ маҳдудиятҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

1) Назорати камералӣ дар рафти санҷиши сайёри андоз ва мониторинги андозӣ, инчунин барои давраҳои қаблан гузаронидашудаи санҷиши сайёри андоз ва мониторинги андоз, манъ аст.

2) Назорати камералии ҳисоботи (эъломияҳои) андози хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода нашудааст, дар як сол як маротиба таҳти назоратӣ камералӣ қарор дода мешаванд.

3) Кормандони мақомоти андоз ҳуқуқи такроран амалӣ намудани назорати камералии эъломияҳои як намуди андоз ва барои ҳамон як давраи андозро (ҳисоботиро) надоранд. Дар сурати ҷой доштани далелҳои асосноки қонунвайронкуниҳои андоз вобаста ба ин давраҳои андозӣ, ки ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ба инобат гирифта нашудаанд, барои гузаронидани дигар шаклҳои назорати андоз сардори мақомоти ҳудудии андоз ба Раиси Кумитаи андоз гузориши дахлдор пешниҳод менамоянд.

4) Барои давраҳое, ки санҷиши сайёри андоз гузаронида шудааст, гузаронидани назорати камералӣ манъ аст. Дар сурати ҷой доштани далелҳои асосноки қонунвайронкуниҳои андоз вобаста ба давраҳои андозии таҳти санҷиш қарор дода шуда, тибқи гузориши мақомоти ҳудудии андоз Раиси Кумитаи андоз метавонад санҷиши такрории андозро барои ҳамон давра таъин намояд.

5) Назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки:

-дар доираи маблағҳои грантӣ (кредитӣ) фаъолият менамоянд;

-дар фаъолияти корхонаҳои калони истеҳсолӣ ва воҳидҳои алоҳидаи онҳо, ки аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ таъсис ёфтаанд ва (ё) дар доираи Созишномаҳои сармоягузории маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, дар фаъолияти бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, инчунин дар воҳидҳои алоҳидаи онҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ дар мувофиқа бо Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

6) Назорати камералии эъломияҳои воҳидҳои алоҳидаи андозсупорандагони тобеи Раёсати андози андозсупорандагони калон, ки

дар дигар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо дар баҳисобгирӣ гузошта шудаанд, дар мувофиқа бо Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

7) Огоҳинома ва маълумотнома аз натиҷаи назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботи) андозсупорандагон, ки эҳтимолияти аз 200 ҳазор сомонӣ зиёд ошкор шудани андозҳоро доранд, дар мувофиқа бо Кумитаи андоз ба барномаи СМИИА «Назорати камералӣ» ворид карда мешаванд.

## IV. Ҷавобгарӣ

25. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 33 ва 159 Кодекси андоз андозсупоранда аз рӯи натиҷаи назорати камералӣ ҳуқуқи шикоят намуданро ба мақомоти болоии андоз ва ё суд дорад.

26. То лаҳзаи аз ҷониби Кумитаи андоз ё мақомоти судӣ баррасӣ гардидани шикояти андозсупоранда, қисми маблағи аз ҷониби андозсупоранда эътирофгардидаи уҳдадориҳои андозӣ, ба буҷет пардохт карда мешавад.

27. Барои риоя накардани муқаррароти Кодекси андоз ва талаботи Тартиби мазкур ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ ва халалдор сохтани фаъолияти андозсупорандагон, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони масъул ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи №2
ба Фармоиши Раиси
Кумитаи андози
назди Ҳукумати
ҶумҳурииТоҷикистон
аз «__» ___ соли 2022, №___

Ба ______________________
*(номи андозсупоранда, РМА, суроғаи ҳуқуқӣ)*

# ОГОҲИНОМА

Дар асоси таҳлил ва муқоисаи маълумотҳои барномаҳои СМИИА, инчунин маълумотҳои аз дигар сарчашмаҳо дастрасгардида *(агар чунин маълумот ҷойдошта бошад, сарчашмаҳои маълумот дарҷ карда мешаванд)*, дар фаъолияти __________________________ барои давраи аз

*(номи пурраи андозсупоранда)*

«__» _____ соли 20___ то «__» _____ соли 20___ назорати камералии мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломия ва ҳисоботи андози ба мақомоти андоз пешниҳодшуда гузаронидашуда муайян гардид, ки Ҷамъият талаботи муқаррарнамудаи ______________________________________
*(банд ва қисмҳои дахлдор моддаҳои Кодекси андоз қайд карда мешавад)*

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардааст, ки дар натиҷа боиси пайдо гардидани номутобиқатӣ дар нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз ва мутаносибан ҷой доштани хавфи қонунвайронкуниҳои андоз гардидааст.

Натиҷаи назорати камералӣ муайян намуд, ки аз ҷониби Шумо ҳангоми таҳия ва пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботи) андози ____________________________________ ба инобат гирифта нашудааст,
(номгӯйи эъломия ва ҳисоботи андоз, ки номутобиқатӣ ҷой дорад)

ки ҳолати мазкур боиси ба миён омадани номутобиқатиҳо ва эҳтимолияти кам ҳисоб шудани андозҳо ба маблағи _____________ сомонӣ, аз он ҷумла _____________________________________________________ гардидааст.
*(номгӯи андозҳо ва маблағи эҳтимолӣ ошкоргардида дар алоҳидагӣ қайд карда мешаванд)*

*Эзоҳ:Вобаста ба ҳолати ошкоршуда маълумоти мухтасар қайд кард шуда, бо дарҷи муқаррароти банд, қисм ва моддаи дахлдори Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ асоснок карда мешаванд.*

Бинобар ин, мутобиқ ба талаботи моддаҳои 40, 41, 42, 87, 103 ва 165 Кодекси андоз аз Шумо талаб карда мешавад, ки дар муҳлати 10 рӯзи тақвимӣ вобаста ба маблағи эҳтимолан ҳисобшудаи андозҳо, тавзеҳоти дахлдор бо замимаи ҳуҷҷатҳои асосноксозанда пешниҳод намоед ва ё

барои мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ҷой дошта, бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз маблағи илова ҳисобшудаи андозҳоро ба буҷет ҳисоб ва пардохт намоед.

Дар акси ҳол, тибқи талаботи моддаҳои 82, 83, 42 ва 47 Кодекси андоз аз рӯи критерияҳои хавфҳои андоз дар фаъолияти Шумо вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ санҷиши сайёри андоз гузаронида мешавад.

Сардори Нозирот (раёсат) __________ (имзо, мухр) ______________ (ному насаб)

Замимаи №3
ба Фармоиши Раиси
Кумитаи андози
назди Ҳукумати
ҶумҳурииТоҷикистон
аз «__» ___ соли 2022, №___

Кумитаи андози назди
ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон
*(Раёсати /Нозироти андоз дар…*)

# Маълумотнома

Аз натиҷаи назорати камералӣ нисбати ________________________
(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ/РМА)

барои давраи ______________________________________________
(давраи зери назорати камералӣ қарордодашаванда)

________________________________________________________________
(ҷойи тартиб додани маълумотнома - макомоти андоз, сана)

Аз ҷониби ман, ____________________________________________
(ному насаб, мансаби корманди мақомот, ки назорати камералиро мегузаронад)

мутобиқ ба муқаррароти банди 1) қисми 3 моддаи 41, моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «__» _______ соли 20___, № ____ тасдиқ карда шудааст, дар фаъолияти ________________________________________________________________
________________________________________________________________
(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ / РМА)

*(минбаъд номи кутоҳкардашуда қайд карда мешавад)* назорати камералӣ бевосита дар асоси омӯзиш, таҳлилу муқоисаи эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ва дигар маълумотҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи Шумо, инчунин маълумотҳои тибқи талабот ва тартиби муқарраргардида ба мақомоти андоз дастрасшуда гузаронида шуд.

## 1.Қисми умумӣ

1.Маҳалли фаъолияти андозсупоранда: ________________________
(суроғаи фаъолият)

1.1. Аз натиҷаи назорати камералӣ тибқи талаботи моддаи 41 Кодекси андоз ба Шумо Огоҳинома аз «__» _______соли 20__ бо талаби дар мухлати 10 рӯзи тақвимӣ бо роҳи пешниҳоди эъломияи иловагии

андоз мустақилона бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ё пешниҳод намудани тавзеҳоти асоснок, ирсол мегардад.

1.2.Дар давраи зери назорати камералӣ қарор дошта, ______________________________ бо андозсупорандагони бемасъулият
(номи кутоҳкардашудаи андозсупоранда)
(сархати 6, қисми 2 моддаи 87 Кодекси андоз), иҷрои кор, хизматрасонӣ, харид ва ё таҳвили мол ба анҷом нарасонидааст.

*__Эзоҳ__: Агар бо ин гурӯҳ андозсупорандагон муомилоти молию пулӣ дошта бошад, мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз чораҷӯӣ намуда, маълумот дарҷ карда мешавад.*

## 2. Назорати камералӣ муайян кард:

_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________

*(Эзоҳ. Дар ин қисмат ҳангоми ошкор гардидани қонунвайронкуниҳои андоз бо истинод ба бандҳои (қисмҳои) моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ё дигар муқаррароти қонунгузории андоз ҳар як ҳолатҳои эҳтимолии ҷой доштани қонунвайронкуниҳои андоз дар алоҳидагӣ асоснок карда мешаванд.*

*Ҳамзамон нусхаи ҳуҷҷати асосноксозандаи қонунвайронкуниҳои андоз ба маълумотнома замима карда мешавад).*

## 3. Пешниҳод

3.1. Назорати камералии риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти_________________________________ эҳтимолияти ба маблағи
(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ / РМА)
__________ сомонӣ кам ҳисоб намудани андозҳоро муайян намуд.

*Эзоҳ: Номгӯи андозҳо ва маблағи аз натиҷаи назорати камералӣ ошкоргардида дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад.*

3.2.Ҳангоми аз ҷониби Шумо пешниҳод нагардидани тавзеҳоти асоснок ва ё бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз мустақилона бартараф накардани номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ҷойдошта, дар фаъолияти Шумо тибқи талаботи моддаҳои 82, 83, 41 ва 47 Кодекси андоз аз рӯи критерияҳои хавфҳои андоз дар фаъолияти Шумо вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ санҷиши сайёри андоз вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ таъин ва гузаронида мешавад ва тибқи талаботи муқарраргардида қарори дахлдор қабул карда мешавад.

3.3. Дар ҳамин хусус маълумотномаи назорати камералӣ дар ду (2) нусха тартиб дода шуд.

**Корманди мақомоти андоз:** ____________ ____________ ____________
(вазифа) (имзо) (ному насаб)

Замимаи №4
ба Фармоиши Раиси
Кумитаи андози
назди Ҳукумати
ҶумҳурииТоҷикистон
аз «__» __ соли 2022, №___

Ба ________________________
*(номи андозсупоранда, РМА, суроғаи ҳуқуқӣ)*

## ОГОҲИНОМАИ ТАКРОРӢ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ________________________ огоҳ менамояд, ки тибқи талаботи моддаи
*(номи андозсупоранда, РМА, суроғаи ҳуқуқӣ)*
42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти Шумо назорати камералӣ гузаронида шуда, бинобар сабаби ҷой доштани номутобиқатиҳо дар ҳисобот ва эъломияҳои андоз эҳтимолияти илова ҳисоб шудани андозҳо ошкор карда шуда, ба ҷамъият Огоҳинома аз "___" ________ 20__ , №____ ирсол карда шудааст.

Аз ҷониби Шумо оид ба натиҷаи огоҳиномаи назорати камералӣ тавзеҳот ва (ё) ҳуҷҷатҳои асоснок пешниҳод нагардидааст.

*Эзоҳ: Тибқи Тартиби муқарраргардида аз натиҷаи баррасии тавзеҳоти андозсупоранда мухтасаран маълумот дода мешавад.*

Иловатан ___________ огоҳ карда мешавад, ки дар муҳлати то 5 рӯзи
*(номи андозсупорандӣ)*
корӣ номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ҷойдоштаро мустаъқилона бартараф намоед.

Дар сурати мустақилона бартараф накардани номутобиқатиҳо, мутобиқ ба талаботи қисми 7 моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, _______________ дар системаи идоракунии хавфҳои мақомоти
*(номи андозсупорандӣ)*
андоз ҳамчун дорои хавфи баланди қонунвайронкуниҳои андоз арзёбӣ шуда, ба нақшаи гузаронидани санҷишҳои сайёри андоз дохил карда мешавад ва дар фаъолияти ҷамъият санҷиши сайёри андоз вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ таъин карда мешавад.

Раис Н.Давлатзода

Замимаи №5
ба Фармоиши Раиси
Кумитаи андози
назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» ___ соли 2022, №___

_______________________________________________________________
*(номгӯи воҳиди сохтории Кумитаи андоз – Сарраёсат (раёсат)и Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, Раёсати андоз*
*дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо, нозиротҳои андоздар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)*

## Хулоса

аз натиҷаи баррасии тавзеҳоти ___________ аз «__» ____ 21__, №___
(номи кутоҳи андозсупоранда)

_______________________________________________________________
*(сарраёстҳои (раёсати)Дастгоҳи марказии Кумита ва ё мақомоти ҳудудии андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст)*

мутобиқ ба талаботи моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди ___ Фармоиши Кумитаи андоз аз «__» январи соли 2022, тавзеҳоти __________________________- ро аз «___» ______ 21__, № ___
*(номи пурраи андозсупоранда, РМА, РЯМ)*

ба Огоҳиномаи №___, аз «___» ____ 20__, № ___, ки аз ҷониби ________

____________________________________________ оид ба ҷой доштани
*(номи воҳиди сохтории мақомоти андоз, ки Огоҳиномаро қабул намудааст)*

номутобиқатиҳо дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозҳо эҳтимолияти илова ҳисоб шудани андозҳоро ба маблағи _________ сомонӣ (аз ҷумла, ____________________________) муайян намудааст, мавриди баррасӣ
(номгӯи андозҳо, маблағҳои эҳтимоии ҳисобшуда)

қарор дода, чунин хулосагузорӣ намуд:
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________

*Эзоҳ: Тавзеҳоти пешниҳод намудаи андозсупоранда аз рӯи ҳар як намуди андоз баррасӣ карда шуда, ҳолати ба инобат гирифтан, қисмат ба инобат гирифтан ва ё умуман ба инобат нагирифтани тавзеҳот бо моддаҳои дахдлори Кодекси андоз(қонунгузории андоз) асоснок карда мешавад. Агар аз ҷониби андозсупоранда, Огоҳинома қисман иҷро гардида бошад, дар ин хусус қайдҳои дахлдор карда мешавад).*

Бо назардошти ҳолатҳои қайдгардида,
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________
(раёсати дастгоҳи марказии Кумита, Раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, НАК, НАМ, ки тавзеҳотро баррасӣ намудааст)

аз маблағи умумии ____________ сомонӣ тавзеҳоти андозсупоранда - ______________________ ба маблағи _____ сомонӣ ба инобат гирифта шуд.
(номи кутоҳкардашудаи андозсупоранда)

*(қисман ба инобат гирифта шуд ва ё умуман ба инобат гирифта нашуд).*

**Хулосаро омода намуд:**

Сардори сарраёсати (раёсати) … _____________ ____________

Сардори Нозирот *(Шӯъбаи Раёсат)* _____________ ____________

Сардори шӯъба *(гуруҳ)* _____________ ____________

Мутахасис *(ки назорати камералиро гузаронидааст)*
_____________ ____________

**Мувофиқа карда шуд:**
Муовини Сарпараст _____________ ____________

Замимаи №6
ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон
аз «__» январи соли 20___, №___

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

________________________________________________________________

*(мақомоти андозе, ки санадро тартиб медиҳад)*

## САНАД
## оид ба ҷой доштани зарурияти гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупоранда

_______________________ "__"__________соли 20__

*(ҷои тартиб додан - шаҳр, ноҳия)* *(санаи тартиб додани санад)*

Аз тарафи Гуруҳи корӣ, дар ҳайати:

-______________________________________________________________

-______________________________________________________________

-______________________________________________________________...

*(насабу ном, номи падар, мансаб ва қайд оиди роҳбари гурӯҳ ё аъзои гурӯҳ дар алоҳидагӣ)*

дар асоси фармони _______________________________________________

*(мақомоти андозе, ки амр додааст)*

таҳти №____ аз «__» ________соли 20___, ҳангоми гузаронидани санҷиши амалиётӣ андоз дар фаъолияти _____________________________________

________________________________________________________________

*(номгӯи пурраи андозсупоранда, ки таҳти санҷиши амалиётӣ қаор дода шудааст РМА/РЯМ ва ҳоказо)*

воқеъ дар ______________________________________________________,

*(суроға - рақами кӯча, ноҳия, шаҳр ва дигар мушаххасоти алоқаманд ба суроға)*

чунин қонунвайронкуниҳои андозро мушоҳида намудем:

1. ___________________________________________________________

2. ____________________________________________________________

3. ________________________________________________________ …..

*(ҳолатҳое, ки эҳтимолияти ҷой доштани қонунвайронкуниҳои андозро тасдиқ менамоянд)*

Санҷиши амалиётӣ муайян намуд, ки ____________________________

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

*(шарҳи муфассали қонунвайронкуниҳои андоз ва дигар ҳолатҳое, ки эҳтимолияти ҷой доштани қонунвайронкуниҳои андозро тасдиқ менамоянд ва зарурияти гузаронидани назорати камералиро ва ё санчиши сайёри андозро ба миён овардаанд, бо такя ба моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои асосноксозанда қайд карда мешавад)*

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида, пешниҳод карда мешавад, ки дар фаъолияти_____________________________________

____________________________________________________________________

*(номгӯи пурраи андозсупоранда, кифаъолияташ бояд таҳти назорати камералӣ қарор дода шавад, бо дарҷи РМА/РЯМ ва ҳоказо)*

барои давраи аз «___» ________ соли 20___ то «__»_______ соли 20 ___ назорати камералӣ гузаронида шавад.

Маводҳои иловагии зерин барои ба инобат гирифтан дар рафти гузаронидани назорати камералӣ (ё санҷиши сайёри андоз) пешниҳод карда мешаванд:

1.____________________________________________________________

2. ___________________________________________________________

3.___________________________________________________________ …

*(номгӯи маводҳое, ки замима карда мешаванд)*

Ҳамагӣ, замима дар ҳаҷми ______ варақ.

Дар ҳамин хусус маълумотнома дар _____ нусха тартиб дода шуд.

| | | |
|---|---|---|
| ______________________ | _____ | ______________________ |
| *(мансаби санҷишгар, роҳбари гуруҳ)* | *(имзо)* | *(насабу ном ва номи падар)* |

**Аъзоёни гуруҳ:**

| | | |
|---|---|---|
| ______________________ | _____ | ______________________ |
| *(мансаби санҷишгар)* | *(имзо)* | *(насабу ном ва номи падар)* |
| ______________________ | _____ | ______________________ |
| *(мансаби санҷишгар)* | *(имзо)* | *(насабу ном ва номи падар)* |